**<u>Ҳисобот оид ба фаъолияти Донишкадаи Конфутсии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2022</u>**

Донишкадаи таълимию фарҳангии Конфутсии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси Иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимии аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (АУ №0002699), Шартномаи байни Донишгоҳи педагогии Синзяни Ҷумҳурии мардумии Чин бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

Вазифаи асосии Донишкадаи Конфутсии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таълиму тадриси забони хитоӣ ба хоҳишмандон ва дар ин замина шинос намудани онҳо ба расму оин ва фарҳангу маданияти мардуми Чин аст. Донишкада барои густариш ва равнақи ҳамкории фарҳангию таълимии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин саҳми назаррас дорад.

Алҳол дар Донишкада 404 нафар хонандагон дар 22 гурӯҳ ба таълими забони хитоӣ фаро гирифта шудаанд. Машғулиятҳои дарсӣ мувофиқи хоҳиши толибилмон сурат гирифта, дар як ҳафта се рӯзро ташкил медиҳанд ва дар ду баст ба роҳ монда шудаанд.

Кормандони Донишкада, ки аксаран шаҳрвандони Ҷумҳурии мардумии Чин мебошанд, дар баробари машғулиятҳои дарсӣ дар курсҳои забономӯзӣ, ҳамчунин дар факултетҳои забонҳои Осиё ва Аврупо 1 нафар (Хуа Бин), муносибатҳои байналхалқӣ ва ҳуқуқшиносӣ 1 нафар (Ванг Хуйджуанг) ба донишҷӯён ва магистрон аз фанни забон ва

адабиёти Чин дарс мегӯянд, яъне аъзои кафедраҳои донишгоҳӣ низ мебошанд.

Ҳамчунин, омӯзгорони Донишкада дар як қатор муассисаҳо ба омӯзонидани забон, адабиёт ва фарҳанги чинӣ машғуланд, ки ин муассисаҳо Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон, Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишкадаи омӯзгории шаҳри Панҷакент, инчунин дар назди Донишкада “Толори чинӣ” дар Китобхонаи миллӣ ва “Синфи Конфутсий” дар Гимназияи Кафолат низ фаъолият карда истодааст.

Яке аз самтҳои фаъолияти Донишкадаро ҳамасола қабули бурсияҳо ва фиристодани хоҳишмандон ҷиҳати идомаи таҳсил ба ҶХХ ташкил медиҳад. Қобили зикр аст, ки ҳар сол ҷиҳати идомаи таҳсил дар Ҷумҳурии мардумии Чин барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ин кишвар миқдори муайяни бурсияҳо пешниҳод мегардад, ки хоҳишмандон метавонанд баъди гузаронидани суҳбат таҳсили худро дар донишгоҳҳои мухталифи Ҷумҳурии мардумии Чин идома диҳанд. Дар соли 2022 дар озмуни сафарбаркунӣ ба Ҷумҳурии мардумии Чин тариқи бурсияи давлатӣ ва бурсияи Институти Конфутсий 400 нафар иштирок намуд, ки 51 нафар барои идомаи таҳсил дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии мардумии Чин роҳхат гирифтанд, ки аз онҳо аз рӯи бурсияи ҳукуматӣ 5 нафар ба магистратура, 19 нафар барои таҳсил дар зинаи таҳсилоти бакалавр, 20 нафар 1 сола забономӯзӣ (ҷамъ 44 нафар) ва аз рӯи бурсияи Институти Конфутсий 5 нафар яксола забономӯзӣ, 1 нафар магистр ва 1 нафар бакалавр (ҷамъ 7 нафар) роҳхат гирифтанд.

Аммо бо сабаби вазъи имрӯзаи сайёра машғулиятҳои дарсии қабули соли 2022-2023 то имрӯз тариқи қисман он-лайн барои нафароне, ки шароити молиявӣ надоранд бо истифода аз технологияи муосири информатсионӣ баргузор гардида истодааст ва қисмати дигар ҳоло ба ҶМЧ сафар карда бо таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар баробари ин фаъолияти Донишкадаро корҳои ташкилию тарбиявӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳанд, ки дар ҷода ҳамасола бо ибтикори Донишкада ва дигар муассисаҳои дахлдор чорабиниҳои сатҳи донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ гузаронида мешаванд. Таҷлили «Рӯзи Конфутсий» ҳамасола ба ҳукми анъана даромада, дар ин замина як қатор маҳфил ва барномаҳои фарҳангӣ гузаронида мешаванд, ки беҳтарин намунаҳои фарҳангу маданияти мардуми Чин ба маърази тамошо гузошта шуда, шогирдони Донишкада ҳунари хешро ба ҳозирин манзур менамоянд. Умуман бо ибтикори Донишкадаи Конфутсии назди ДМТ дар соли ҷорӣ 64 чорабинии илмию фарҳангӣ гузаронида шудааст.

Ҳамчунин бо пешниҳоди Донишкада ва дастгирии бевоситаи ҷониби Хитой ҳамасола таҳияи филмномаҳои кӯтоҳ сурат мегирад, ки онҳо аз ҷониби устодону шогирдони Донишкада ба навор гирифта мешаванд ва бояд қайд намуд, ки соли равон бо чунин филмномаҳои кӯтоҳ Донишкадаи Конфутсии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар саросари ҷаҳон ҷойи аввалро мушарраф гардид.

Боиси таъкид аст, ки раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали таъсиси Донишкадаи Конфутсий кӯмаки худро дареғ надошта, дар самти ба роҳ мондани ҷараёни дарсҳо ва таъмини синфхонаҳои таълимӣ пайваста кӯшиш менамояд. Ин аст, ки соли ҷорӣ

бо дастгирии раёсати донишгоҳ ва ҷониби Хитой бинои нави замонавии Донишкадаи намунавии Конфутсии назди ДМТ бунёд гардида, дар паҳлӯи он амфитеатри замонавӣ, майдончаи варзишӣ сохта шуда ба истифода дода шуд.

Бояд қайд намуд, ки ҳамасола ҷиҳати муайян кардани савияи дониши забони хитоии шунавандагони курси забономӯзӣ 4 маротиба имтиҳони HSK ва HSKK гузаронида мешаванд ва дар соли ҷорӣ 1096 довталаб дар ин имтиҳон иштирок карда, 409 нафари он муваффақ шуда соҳиби сертификат гаштанд.

Ҳамчунин, соли равон бо ибтикори Донишкадаи Конфутсийи назди ДМТ дар бинои марказии донишгоҳ ярмаркаи ҷойҳои холии кории корхонаҳои саноатӣ ва муштараки Тоҷикистону Хитой баргузор гардид, ки дар он бо иштироки Палатаи савдои Хитой ва 15 ширкати саноатӣ зиёда аз 600 ҷойҳои кории холӣ аз рӯи 40 ихтисос манзури нафароне, ки кор меҷӯянд пешниҳод шуд. Донишкада тасмим гирифтааст, ки ҳамасола чунин ягмаркаро бо дастгирии пайваста ва бевоситаи сафоратхонаи Ҷумҳурии мардумии Чин дар саҳни донишгоҳ баргузор намояд, ки ин ин иқдом ба хатмкунандагони донишгоҳ имконият медиҳад, ки соҳиби ҷойҳои кори мувофиқ шаванд. Дар ин чорабинӣ 240 нафар мутахассисони ҷавони факултетҳои донишгоҳ, ки акасаран ихтисосҳои факултети геология, химия, физика, механикаю математика, забонҳои Осиё ва Аврупо, муносибатҳои байналхалқи ва иқтисодӣ сафарбар гардиданд.

Хулоса, Донишкадаи конфутсийи назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон як сохтори таркибии раёсати донишгоҳ буда, дар баргузории чорабиниҳои таълимӣ, илмӣ-фарҳангӣ ва фароғатӣ

саҳмгузор буда, барои омӯзонидани фарҳанг ва забони чинӣ ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ кӯмаки беғаразонаи худро мерасонанд. Ҳамчунин, дар густариш ва таҳкими рботиаҳои дуҷонибаи фарҳангию сиёсӣ ва таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин саҳми арзанда мегузорад.